ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

НИЗОМНОМАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

ДУШАНБЕ-2023

“ҚАБУЛ ШУД”
Дар Шурои олимони ДТТ
Суратаҷаласаи № 01
аз 31 августи соли 2024

“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Раиси Шурои олимон, ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
_____ Раҳмонзода З.Ф.
Аз 25 декабри соли 2023

НИЗОМНОМАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (минбаъд – **Низомнома**) тартиби ташкил, фаъолият, ҳайат, ваколат, ҳуқуқ уҳдадориҳои аъзоён ва дигар масъалаҳои шурои олимони Донишгоҳ (минбаъд – шурои олимон)–ро, ки маќоми олии идоракунии мебошад, муайян менамояд.

2. Шурои олимон бо маќсади баррасӣ ва њаллу фасли сариваќтии масъалањои раванди таълиму тарбия, корњои илмию тањќиќотї, робитаҳои байналмилалӣ ва фаъолияти молиявию хољагидории Донишгоҳ таъсис дода мешавад.

3. Шурои олимон дар фаъолияти худ Конститутсияи Љумњурии Тољикистон, ќонунњои Љумњурии Тољикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи тањсилоти олии касбї ва тањсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимї», Низомномаи намунавї оид ба муассисаи таълимии тањсилоти олии касбии Љумњурии Тољикистон, ќарорњои њайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон, фармоишњои вазири маориф ва илми Љумњурии Тољикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва дигар санадњои меъёрии њуќуќии Љумњурии Тољикистон, инчунин њамин Низомномаро ба роњбарї мегирад.

4. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (минбаъд – ДТТ) дар асоси Низомномаи намунавии шурои олимони муассисањои тањсилоти олии касбии Љумњурии Тољикистон, ки бо ќарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон аз феврали соли 2002, № 2/6 тасдиќ шудааст, Низомномаи шурои олимони Донишгоҳро таҳия намуда, онро аз тарафи шурои олимони муасисаи таълимӣ қабул ва тағйир медиҳад.

5. Шурои олимон роњбарии умумии Донишгоҳро амалї менамояд.

6. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси ошкорбаёнӣ ва муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳо ба роҳ мемонад.

7. Шурои олимон метавонад намояндагони гурӯњњои гуногун, **кормандон** ва донишҷӯён, инчунин дигар бахшҳои сохтории Донишгоҳро дар бар гирад.

2. ҲАЙАТИ ШУРОИ ОЛИМОН

8. Шумораи ҳайати шурои олимон, меъёрҳои намояндагӣ аз воҳидҳои сохторӣ (квотаҳо) ва тартиби интихобот аз ҷониби Конфренсияи кормандони илмӣ - педагогӣ, инчунин намояндагони гурӯњњои дигари кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ муайян карда мешавад.

9. Ба њайати шурои олимон ректор, муовинони ректор, деканњои факултетњо, мудирони кафедрањои тахассусӣ ва умумимуассисавӣ, мудирони шуъбањои таълим ва илм, мудири шуъбаи аспирантура, намояндагони тамоми гурӯњњои кормандон ва донишљӯёни Донишгоҳ, иттифоќњо ва дигар ташкилотњои љамъиятии Донишгоҳ интихоб шуда метавонанд. Аъзоёни дигари шурои олимон аз ҷониби конфренсияи Донишгоҳ бо роҳи овоздиҳии махфӣ интихоб мегарданд. Интихоботи шурои олимон дар мавриде баргузоршуда ҳисобида мешавад, ки агар аз 2/3 ҳиссаи аъзоёни ба рӯйхат воридгардидаи ба конфренсияи Донишгоҳ пешбаришуда дар овоздиҳӣ иштирок карда бошанд.

10. Тартиби интихоби аъзоён ба конференсия аз ҷониби шурои олимони амалкунанда муайян карда мешавад. Аъзои шурои олимон бидуни пешбарӣ ва овоздиҳии иловагӣ вакили конференсия маҳсуб меёбанд. Зимнан, шумораи онҳо набояд зиёда аз 50%-и шумораи умумии аъзоёни конфронсро ташкил диҳад.

11. Њайати шурои олимон бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар асоси ќарори конфренсияи муассисаи таълимї эълон карда мешавад.

12. Аъзои шурои олимон дар мавриди аз кор озод шуданаш аз њамон лањза аз њайати шурои олимон хориљ мегардад.

13. Аъзои нави шурои олимон тибќи тартиби муќарраргардида, аз тарафи шурои олимон интихоб гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ эълон карда мешавад.

14. Муњлати ваколатњои шурои олимон наметавонад аз 3 сол зиёд бошад. Аз нав ва пеш аз муњлат интихоб намудани аъзои шурои олимон бо дархости на камтар аз нисфи аъзо, инчунин дар њолатњои пешбининамудаи оинномаи Донишгоҳ гузаронида мешавад.

15. Узви шурои олимон дар сурате интихобшуда ҳисобида мешавад, ки ба тарафдории ӯ на камтар аз нисфи аъзоёни дар овоздиҳӣ иштирокдошта овоз дода бошанд.

16. Тағйир додани ҳайат ва шумораи аъзоёни шурои олимон дар доираи ваколатҳо дар ҳолатҳои зерин имкон дорад:

- ҳангоми дар шурои олимон таъсис ёфтани сохтору зерсохтори нави таълимї - илмии сатҳи умумимуассисавӣ бо теъдоди ҳадди аққали квотаҳои муқаррарнамудаи конференсия, ки ҳангоми интихоботи шурои олимон ба амал омадааст;

- ҳангоми ба амал омадани тағйироти назаррас дар сохтори мавҷудаи воҳидҳои сохтории таълимӣ-илмӣ (густаришёбӣ ва ё ихтисоршавӣ);

- бо шарти бо хоҳиши худаш ва муроҷиати хаттӣ аз аъзогии шурои олимон даст кашидани аъзои шурои олимон.

17. Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ё бозхонди аъзои шурои олимон аз ин сохторҳо дар муҳлатҳои ваколати шурои олимони амалкунанда мувофиқи квотаҳои муқарраршуда ногузир мебошад.

18. Ваколатҳои аъзои шурои олимонро пеш аз муҳлат қатъ кардан мумкин аст:

- бо сабаби ба охир расидани муҳлати шартнома ва ба муҳлати нав интихоб нагардидан;

- бо хоҳиши худ ба унвони ректори Донишгоҳ ариза пешниҳод кардан;

- дар робита ба бозхонди воҳиди сохторӣ;

- бинобар имконнопазир будани иҷрои вазифаҳои узви шурои олимон (бемории тӯлонӣ, сафари хизматии тӯлонӣ);

- дар сурати аз кори озод шудани аъзои шурои олимон.

3.ВАЗИФАЊОИ АСОСИИ ШУРОИ ОЛИМОН

19. Вазифањои шурои олимон аз инњо иборат мебошад:

- амалисозии санадњои меъёрии њуќуќии соњаи маориф, аз љумла консепсия, барномањои давлатї, лоињањои инвеститсионї ва тањияи пешниҳод оид ба такмили онҳо;

- муттањид намудан ва самаранок истифода бурдани нерӯи илмї, таълимї ва методии њайати профессорону омӯзгорон ва кормандони муассисаи тањсилоти олии касбї;

- назорат ва баррасии љараён ва натиљаи фаъолияти солонаи таълиму тарбия, корњои илмию тањќиќотї, молиявї ва хољагидорї;

- шунидани њисоботи ректор, муовинони ректор, сардорони раёсатњо, деканон, муовинони деканон ва роњбарони дигар сохторњои зертобеъ, ташкилотњои љамъиятии назди муассисаи таълимї оид ба фаъолияти таълимї, илмию тадќиќотї ва корњои тарбиявии омода кардани мутахассисон;

- шунидани њисобот ва баррасии масъалањои марбут оид ба фаъолияти молиявию хољагии муассисаи таълимї;

- тањияи пешниҳод ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идорањое, ки муассисаи таълимї дар сохтори он мебошад, вобаста ба рушди муассисаи таълимї, аз љумла оид ба беҳтар кардани фаъолият, баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисони раќобатпазири ватанї, инкишофи илм ва заминаи моддию техникї;

- дастгирии ташаббусу навгониҳо оид ба баланд бардоштани мазмуну мундариљаи тањсилоти олї ва вусъат бахшидан ба раванди стандартњои љањонии тањсилот дар Донишгоҳ;

- баррасии баргузории конференсияњо, семинарњо ва дигар чорабинињои таълимию илмї оид ба масъалањои тањсилоти олї ва илм бо

маќсади такмили ихтисос ва баланд бардоштани сатњи донишу љањонбинии кормандони Донишгоҳ;

- масъалањои дигари ба фаъолияти Донишгоҳ марбутро баррасї менамояд.

4. ВАКОЛАТЊОИ ШУРОИ ОЛИМОН

20. Ба ваколатњои шўрои олимон иннњо дохил мешаванд:

- тасдиќ ва таѓйир додани Оинномаи Донишгоҳ;
- тасдиќи њисоботи солона ва тавозуни муњосибавии Донишгоҳ;
- таъсисдињї, азнавташкилдињї ва барњамдињии сохторњои Донишгоҳ;
- тасдиќи наќша ва барномањои таълимии омода кардани мутахассисон**;**
- танзими масъалањои ташкили раванди таълим, аз љумла таѓйири таносуби машѓулиятњои гуногуни таълимї, корњои мустаќилона ва амалии донишљўён;
- таѓйир ва пуррагардонии меъёрњои намунавии ваќт барои њисоби њаљми умумии корњои таълимї;
- тавсияи номзадњо љињати дарёфти стипендияи донишљўён;
- тасдиќи захирањои молиявї ва мењнатї;
- тасдиќи наќшаи корњои тањќиќоти илмї ва эљодии кормандони илмию омўзгорї;
- ташкили озмун барои ишѓоли вазифањои озоди профессорию омўзгорї, вазифањои илмї ва мудирони кафедрањо;
- тасдиќи харљномаи даромад ва харољоти ѓайрибуљавии Донишгоҳ;
- иљозати ба иљора додани объектњои моликият ва ќитъањои замин;
- иљозат додан ба шахсони дорои тањсилоти миёнаи касбии самти дахлдор љињати гирифтани тањсилоти олии касбї аз рўи барномаи мањдуд ё суръатноки омўзишї;
- таъсиси гурўҳҳои кории муваққатї ва доимї љиҳати таҳияи таклифу пешниҳод барои иљрои вазифањои ба шўрои олимон вогузоршуда;
- муайянкунии принципњои таќсимоти захирањои молиявї, моддї ва мењнатї;
- њаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотї ва фаъолияти истеҳсолї;
- ба Муассис пешниҳод намудан оид ба таъсис ё барҳам додани филиалҳо ва факултетҳои такмили ихтисос;
- бо тартиби муқарраршуда пешниҳод манзур намудан љињати гирифтани унвони илмии профессор ва дотсент;
- пешбарии номзадњо барои соњиб гардидан ба мукофотњои давлатї;
- додани унвонҳои ифтихорӣ ва стипендияҳои номии Донишгоҳ;
- ќабули ќарорњо оид ба баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисон ва дараљаи таҳқиқотҳои илмї.

21. Шурои олимон дар зарурат метавонад, њалли баъзе масъалањоро ба ваколати маќоми иљроияи Донишгоҳ вогузор намояд.

5. РОҲБАРИИ ШУРОИ ОЛИМОН

22. Шурои олимон аз раис, муовини раис, котиби илмї ва аъзоён иборат мебошад.

23. Раиси шурои олимон ректори Донишгоҳ мебошад. Муовини раиси шурои олимонро раиси шурои олимон таъин менамояд. Муовини раиси шурои олимон муовини якуми ректори Донишгоҳ таъин карда мешавад, ки ҳангоми иштирок надоштани раис ваколатҳои ӯро иҷро менамояд.

24. Раиси шурои олимон дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ба ҷаласаҳои шурои олимон раисӣ менамояд;
- ҷаласаро аз рӯи рӯзномаи тасдиқшуда баргузор менамояд;
- риояи низом (реҷаи корӣ, регламент) –ро назорат менамояд;
- барои баромадҳо сухан медиҳад;
- наќшаи корӣ, рӯзномаи ҷаласа ва рӯйхати иштирокчиёни ба ҷаласаи шурои олимон даъватшударо тасдиќ менамояд;
- ба протоколи ҷаласаи шурои олимон имзо менамояд;
- масъалаи баргузории ҷаласаи навбатї ва ѓайринавбатии шурои олимонро њал менамояд;
- ба рӯзномаи ҷаласаи шурои олимон масъалањое, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, ворид менамояд;
- оид ба ворид намудани таѓйиру иловањо ба њайати шурои олимон ва низомномаи он таклиф пешниҳод менамояд.

25. Ваколатњои муовини раиси шӯрои олимон:

- дар мавриди набудани раиси шурои олимон ҷаласаи шурои олимонро раисї менамояд;
- дар ташкили кори шурои олимон ва омода намудани наќшаи кори он иштирок менамояд;
- иљрои дигар супоришњои раиси шурои олимонро таъмин менамояд.

26. Ташкили фаъолияти шурои олимони Донишгоҳ ба зиммаи котиби илмии он вогузор мегардад, ки ректори Донишгоҳ онро аз ҷумлаи аъзои шурои олимон ба вазифа таъин ва озод менамояд.

27. Ба вазифаи котиби илмии шурои олимони Донишгоҳ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олӣ, малакаи кор дар компютер, озодона гуфтугӯ кардан ва ќобилияти таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ва собиқаи корӣ дар муассисаи таълимї на камтар аз 5 солро дошта бошад.

28. Ваколатњои котиби шурои олимон:

- лоињаи протоколњои ҷаласаи шурои олимон ва дигар њуљљатњои содиротиро омода менамояд;
- аъзои шурои олимонро доир ба баргузории ҷаласаи шурои олимон огоњ менамояд;
- тањия ва ворид намудани пешниҳодро ба наќшаи кори шурои олимон ташкил менамояд;

- љараёни иљрои наќшаи кор ва протоколњои ҷаласаи шурои олимонро назорат менамояд;

- фаъолияти ташкилию техникї ва иттилоотии шурои олимонро таъмин менамояд;

- аъзои шурои олимонро, ки ҳузур доранд, ба қайд мегирад;

- протоколи ҷаласа ва овоздиҳиро ташкил мекунад;

- протоколи ҷаласаро тартиб медиҳад ва аз қарорҳои шурои олимон иқтибос меорад;

- парвандаҳои шахсиро барои додани унвонҳои илмӣ омода мекунад ва ба низом медарорад;

- бо парвандаҳои озмунии ҳайати омӯзгорон кор мебарад;

- назорат ва машварат аз болои кори шурои олимони факултетњо ва котибони онњо;

- иљрои дигар вазифањое, ки ба самти ў вобаста мебошанд;

- ќарори шурои олимон пас аз имзои раиси шурои олимон эътибор пайдо менамояд.

29. **Ҳуқуқҳои аъзои шурои олимон:**

- дар маљлисњои шурои олимон шахсан бо њуќуќи овози њалкунанда иштирок менамоянд;

- ба рўзномаи ҷаласа ва наќшаи кори шурои олимон таклиф пешниҳод менамоянд;

- љињати иштирок дар ҷаласаҳои шурои олимон номзадии кормандони Донишгоҳ ва шахсони алоњидаро пешниҳод менамоянд;

- дар омода кардани њуљљатњои ҷаласаи шурои олимон иштирок менамоянд;

- дар баррасии масъалањои муњокимашаванда иштирок карда, фикру андешаи худро оид ба он баён менамоянд;

- оид ба масъалаи ташкили комиссияњо ва гурўњњои корие, ки шурои олимон созмон медиҳад, пешниҳод манзур менамоянд;

- маводи ҷаласаҳои шурои олимонро, ки ба онњо вобастагї дорад ва ё бо ташаббуси онњо ба баррасї пешниҳод гардидаанд, тањия менамоянд;

- маълумоти зарурирo бо дархости раиси шурои олимон ё муовини ў оид ба масъалањои дахлдор пешниҳод менамоянд.

30. Аъзоёни шурои олимон уҳдадоранд:

- дар ҷаласаҳои шурои олимон иштирок намоянд;

- дар овоздиҳии (кушода ё махфӣ) иштирок намоянд;

- пеш аз оѓози ҷаласа ва њангоми гирифтани бюллетенњои овоздињии пинњонӣ дар рӯйхати њозирон сабти ном шаванд;

- оид ба кори худ дар бахшҳое, ки дар шурои олимон намояндагӣ мекунанд, ҳисобот медиҳанд.

6. ТАРТИБИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

31. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси наќшаи кор, ки он дар ҷаласаи якуми шурои олимон ќабул ва аз љониби раиси он тасдиќ гардидааст, ба роҳ мемонад.

32. Наќшаи кори шурои олимон дар асоси пешниҳоди ректор, муовинони ректор, деканон ва аъзои шурои олимон тањия карда мешавад.

33. Нақшаҳои фаъолияти гурӯҳҳои корї, ки дар асоси Нақшаи кори шурои олимон тартиб дода мешаванд, аз љониби роҳбарони гурӯҳҳо тасдиқ мегарданд.

34. Шакли асосии фаъолияти шурои олимон ҷаласаи шурои олимон мебошад, ки тибқи нақшаи кори шурои олимон, инчунин қарори раиси шурои олимон гузаронида мешавад.

35. Тартиби кори шурои олимон аз љониби раиси шурои олимон ва ё бо супориши ӯ аз љониби муовини раиси шурои олимон муайян карда мешавад.

36. Ҷаласаи шурои олимонро раиси шурои олимон ва ё бо супориши ӯ муовини раиси шурои олимон мегузаронад.

37. Ҷаласаи олимон њар моњ гузаронида мешавад. Дар њолатњои зарурї шурои олимон метавонад, маљлиси ѓайринавбатии худро баргузор намояд.

38. Ҷаласаи олимон, агар дар кори он 2/3 ҳиссаи аъзои шурои олимон иштирок намоянд, салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад. Аъзои шурои олимон дар кори љаласаи он бидуни ҳуқуқи ивазшавӣ ширкат меварзанд.

39. Ќарорњои шурои олимон бо роњи овоздињии ошкоро бо љонибдории аз се ду њиссаи аъзои шӯрои олимон, ки дар љаласа њузур доранд, ќабул карда мешавад, вале њангоми гузаронидани озмун барои ишѓоли вазифаи мудири кафедра, вазифаи озоди њайати устодону омӯзгорон ва њайати илмї, додани унвонњои дотсент, ходими калони илмї ва профессор овоздињї тибќи тартиби муќарраргардида (пинњонї) сурат мегирад.

40. Њангоми баробар шудани овозњо ё нагирифтани миќдори зарурии овозњои аъзои шурои олимон пас аз фосилаи як моњ дар љаласаи навбатї масъалаи мазкур аз нав муњокима гардида, мавриди овоздињї ќарор дода мешавад.

7. ТАШКИЛИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

41. Шурои олимон дар ҳайати пурраи худ ва тавассути комиссияҳои доимӣ ё муваққатӣ фаъолият мекунад.

42. Раиси комиссияи доимиро шурои олимон интихоб намуда, кори комиссияи доимиро ташкил мекунад.

43. Вазифањои комиссияҳои шурои олимон:

- тањияи пешакии масъалањое, ки ба ҷаласаи шурои олимон пешниҳод карда мешаванд;

- иштирок дар омода кардани ќарорњои шуро;

- назорати иљрои ќарорњои шурои олимон.

44. Шурои олимон метавонад ҳуқуқи қабули қарор аз рӯи баъзе масъалаҳоро ба шурои олимони факултетҳо, комиссияҳои шурои олимони Донишгоҳ вогузор намояд.

45. Аъзои шурои олимон, ки барои таҳияи масъала масъул аст, бояд на дертар аз 10 рӯз то љаласаи шуро лоиҳаи қарори бо комиссияи дахлдор мувофиқашударо ба котиби илмӣ пешниҳод намояд.

46. Дар љаласањои шурои олимон аз номи шурои олимон баррасї намудани масъалањоро раёсати шурои олимон дар њайати раис – ректори Донишгоҳ, муовини раис – муовини якуми ректори Донишгоҳ, раисони комиссияњои шурои олимон ва котиби шурои олимон амалї карда метавонанд.

8. ТАРТИБИ КОР ВА ЌАБУЛИ ЌАРОРЊО

47. Ҷаласаҳои шурои олимон аз ҷониби раис мувофиқи нақшаи кори шурои олимон на камтар аз як маротиба дар як моҳ, ба истиснои рӯзҳои таътили тобистона (июл, август), чун қоида, рӯзи интихобнамудаи шурои олимони Донишгоҳ охири моҳ даъват карда мешавад. Дар мавриди зарурат раис ҳуқуқ дорад, ки ҷаласаҳои ғайринавбатии шурои олимонро даъват намояд.

48. Пеш аз оғози ҷаласа бақайдгирии аъзои шурои олимон гузаронида мешавад.

49. Ҷаласа бо тасдиќи рўзнома оѓоз меёбад. Шурои олимон ваколатдор аст, ки агар дар маљлис на кам аз 2/3 њиссаи аъзоён њозир бошанд, ќарори дахлдор қабул намояд.

50. Раиси шурои олимон ва муовини ў дар њама њолат барои баромад намудан њуќуќ доранд .

51. Дар ҷаласаи шурои олимон чунин тартиби корӣ қабул карда мешавад:

- вақти баррасии гузориши асосӣ оид ба масъалаҳои рӯзнома на бештар аз 30 дақиқа;

- гузориши муштарак на бештар аз 20 дақиқа;

- њар як аъзои шурои олимон њуќуќ дорад, ки ба маърўзачї савол диња;

- вақти суханронӣ дар муҳокима на бештар аз 5 дақиқа;

- њар як аъзои шуро олимон њуќуќ дорад, ки дар муҳокимаи масъала на бештар аз як маротиба баромад кунад.

52. Агар маърузачї аз ваќти барои баромади худ људошуда гузашта бошад ё аз мавзуи масъалаи муњокимашаванда берун баромад кунад, раисикунанда баъди як огоњї метавонад ўро аз суханронӣ маҷрум намояд.

53. Ба музокира бо қабули аксарияти овози аъзоёни шурои олимон, ки дар ҷаласа њозиранд, хотима дода мешавад.

54. Баъд аз анҷоми музокира маърузачї ва њаммаърузачї њуќуќ доранд, ки бо сухани хотимавї баромад кунанд.

55. Раисикунанда пеш аз оғози овоздиҳӣ шумораи пешниҳодҳои ба овоздиҳӣ гузошташударо баён мекунад ва шаклу қолаби онҳоро муайян мекунад.

56. Қарорҳои шурои олимон чун анъана бо овоздиҳии кушода қабул карда мешаванд. Масъалаҳои интихоби озмунӣ, пешбарӣ ба унвонҳои илмӣ ва дигар масъалаҳо бо қарори шурои олимон, ки бо овоздиҳии пинҳонӣ қабул карда мешаванд, истисно мебошанд. Қарори шурои олимон қабулшуда ҳисобида мешавад, агар зиёда аз нисфи аъзоёни шурои олимон, ки барои иштирок дар ҷаласа ба ќайд гирифта шудаанд, ба тарафдории он овоз дода бошанд. Бо ќарори шурои олимон баќайдгирии такрорӣ гузаронидан мумкин аст.

57. Ректори Донишгоҳ дар мувофиќа бо муассис –Вазорати саноат ва техологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ризоияти Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон ќарори шурои олимонро дар њолатњои зерин бекор карда метавонад:

- агар қарори қабулшуда хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бошад;

- агар қарори қабулшуда берун аз салоҳияти шӯрои олимон бошад;

- агар қарори қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия ва фаъолияти илмию методии Донишгоҳ таъсири манфї расонад;

- агар қарори қабулшуда аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

58. Ҷаласаҳои шурои олимон бо протокол ба расмият дароварда шуда, бо имзои раиси шурои илмӣ ва котиби илмии шурои олимон тасдиқ карда мешаванд.

59. Қарори шурои олимон ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:

- зимни баргузор намудани интихоби озмунии ҳайати профессорону омӯзгорон;

- пешниҳод барои додани унвонњои илмии профессор, дотсент (мувофиќи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонњои илмї»);

- додани унвони «Доктори фахрии муассисаи таълимӣ», унвони «Профессори фахрии муассисаи таълимӣ»;

- пешбарии асарҳо ба озмуни љоизаҳои давлатӣ;

- овоздиҳии пинҳонӣ аз рӯи дигар масъалаҳо дар асоси қарори махсуси шурои олимон гузаронида мешавад.

60. Овоздиҳии пинҳонӣ бо додани бюллетенҳои овоздиҳӣ гузаронида мешавад.

61. Барои гузарондани овоздињии пинҳонї ва муайян кардани натиљањои он аз љумлаи аъзоёни шурои олимон комиссияи њисоботї интихоб карда мешавад, ки онҳо:

- раиси комиссияи њисоботиро интихоб менамоянд;

- барои овоздињии пинњонї ба аъзоёни шурои олимон бо гирифтани забонхати онҳо бюллетенњо дода мешавад;

- ќуттии интихоботиро дар хонаи алоњида мекушоянд ва овозњоро њисоб мекунанд;
- аз рўи натиљањои овоздињї протоколи маљлиси комиссияи њисобро тањия ва имзо менамоянд.
- раиси комиссия дар маљлиси шурои олимон матни протоколро мехонад.

62. Протокол бо овоздињии кушода бо аксарияти овозҳои аъзои шурои олимони њузурдошта тасдиќ карда мешавад.

63. Бюллетенњои овоздињии пинњонї баъди тасдиќи протоколи маљлиси комиссияи њисоботї бояд нобуд карда шаванд.

9. КОМИССИЯЊОИ ШУРОИ ОЛИМОН

64. Дар ҳайати шурои олимон оид ба самтҳои асосии фаъолияти Донишгоҳ комиссияҳои доимамалкунандаи зерин таъсис дода мешаванд:
- оид ба корҳои таълимию методї;
- оид ба корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ;
- оид ба иќтисодиёт, молия ва рушди иҷтимоӣ;
- оид ба кадрҳо ва одоби касбӣ;
- оид ба корҳои ҳуқуқӣ ва робита бо ҷомеа;
- оид ба корҳои тарбиявӣ;
- оид ба робитањои байналхалќї.

Инчунин, Шурои олимон комиссияҳои якдафъаина оид ба санҷиши масъалаҳои ҷорӣ таъсис медиҳад.

65. Рӯйхат ва ҳайати комиссияҳо, инчунин раисони онҳо бо қарори шурои олимон тасдиқ карда мешаванд.

66. Ҳар як аъзои шурои олимон бояд дар кори ақалан як кумитаи шурои олимон иштирок намояд. Аъзои шурои олимон ҳуқуқ дорад, ки узви на бештар аз ду комиссия ва раиси на зиёда аз як комиссия бошад.

67. Самти асосии фаъолияти комиссияҳо тайёрӣ ва баррасии пешакии масъалаҳои рӯзномаи шурои олимон мебошад. Комиссияњо лоињаи ќарорњои шурои олимонро тањия менамояд.

68. Аъзои шурои олимон, ки барои баррасӣ дар ҷаласаҳои шурои олимон масъала пешниҳод менамоянд, бояд лоиҳаи қарорро пешакӣ дар ҷаласаи кумитаи дахлдори шурои олимон муњокима намоянд.

69. Ќарори комиссия бо овоздињии кушода бо аксарияти овозњо ќабул карда мешавад.

70. Ҷаласаи комиссия дар сурате салоњиятнок дониста мешавад, ки дар кори он на камтар аз 2/3 њиссаи њайати комиссия иштирок дошта бошад.

71. Аъзои шурои олимон ҳуқуқ доранд, ки дар кори ҳар як комиссия бо овози машваратӣ иштирок намоянд.

10. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯЊО

72. Комиссия оид ба корҳои таълимӣ – методӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- омодагӣ ба ҷаласаи шурои олимон оид ба масъалаҳои марбут ба корҳои таълимӣ;

- дастгирии экспертӣ барои таҳияи самтҳои асосии сиёсати таълимии Донишгоҳ;

- баррасии дархостҳои шуроҳои олимони факултетҳо ва таҳияи пешниҳод ба шурои олимони Донишгоҳ дар бораи таъсис додани барномаҳои нави таҳсилотӣ, инчунин ташкил, азнавташкилдиҳӣ, барҳам додан ва иваз кардани номи кафедраҳо;

- ҳуҷҷатҳои меъёрии фаъолияти таълимии Донишгоҳро, ки бояд дар шурои олимони баррасӣ карда шаванд, ташхис менамояд;

- якҷоя бо дигар комиссияҳо оид ба шуъбаҳои асосии Донишгоҳ низомнома таҳия кардан;

- дида баромадани номзадҳое, ки ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ пешбарӣ карда мешаванд ва љиҳати тасдиқ ба шурои олимони Донишгоҳ, инчунин дар бораи онҳо ба мақомоти дахлдор тавсиянома оид ба додани ин мукофот манзур кардани пешниҳод.

73. Комиссия оид ба корхои илмї - тадқиқотӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- таҳияи масъалаҳои фаъолияти илмӣ дар Донишгоҳ;

- шиносоӣ бо самтҳои асосӣ ва комьёбиҳо оид ба корҳои илмї-таҳқиқотӣ дар сохторҳои асосии Донишгоҳ;

- баррасии ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ;

- баррасии накшаи солона оид ба корҳои илмї-таҳқиқотии Донишгоҳ ва нақшаи чорабиниҳои илмӣ;

- дида баромадани корҳои олимони ҷавон ва донишҷӯён, ки ба озмунҳои илмии Донишгоҳ пешниҳод гардидаанд ва манзури пешниҳод ба шурои олимон љиҳати ба онҳо додани мукофот (стипендияҳои номӣ);

- ташхиси лоиҳаҳои асноди меъёрии ҳуқуқие, ки љиҳати баррасӣ ба шурои олимон пешниҳод шудаанд, хусусияти дохили муассисавӣ доранд ва ба масъалаҳои фаъолияти илмӣ – таҳқиқотии Донишгоҳ марбут мебошанд;

- манзур намудани пешниҳод љиҳати баррасӣ дар шурои олимон оид ба таъсиси мукофотҳои номӣ, стипендияҳо, ифтихорномаҳои Донишгоҳ, нишонҳои хотиравӣ ва дигар мукофотҳо барои омӯзгорон ва донишљӯёне, ки дар соҳаи илм ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

74. Комиссия оид ба иқтисодиёт, молия ва тараққиёти иљтимоӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- баррасии буҷети Донишгоҳ;

- таҳлили вазъи молиявию иқтисодии Донишгоҳ;

- таҳияи принсипҳо ва меъёрҳои умумии худидоракунии молиявӣ кафедраҳои Донишгоҳ, тартиби муқаррар намудани маоши иловагӣ ва ёрдампулӣ ба музди меҳнати кормандони Донишгоҳ;

- арзёбии самаранокии хароҷот ва таҳияи пешниҳод оид ба сарфаи захираҳо;

- таҳия ва баррасии наќшањои стратегӣ ва барномаҳои рушди иљтимоии Донишгоҳ;

- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тартиб додани тақсимоти маблағҳои буљетӣ, дар бораи фаъолияти ѓайрибуљетии сохторҳо (кафедрањо), дар бораи низоми тадбирњо оид ба баҳисобгирӣ, ҳифз ва афзун гардондани захирањои моддии Донишгоҳ;

- таҳияи механизмҳои иқтисодии ҳамкории сохторҳои дохилии Донишгоҳ.

75. Комиссия оид ба захираҳои кадрӣ ва этикаи касбӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- гузаронидани тањлил ва коркарди таклифу пешниҳод оид ба беҳтар намудани сиёсати кадрӣ дар Донишгоҳ;

- муоина ва баррасии пешакии корњои номзадҳо барои ишѓоли љойҳои кории холӣ ва парвандањои пешниҳодшудаи номзадҳо барои гирифтани мукофотњои соҳавӣ ва давлатӣ;

- барои шурои олимон омода намудани тавсияҳои асоснок оид ба додани унвонҳои «Профессори фахрӣ», «Доктори фахрӣ» ва ѓайра.

- пешниҳод кардани таклифњо вобаста ба сифати коргузорӣ дар Донишгоҳ.

76. Комиссияи оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва робитаҳои ҷамъиятӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- таҳияи механизмҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар байни сохторҳои муассисаи таълимӣ;

- ташхиси ҳуқуқии пешниҳод оид ба тағйирот дар сохторњои муассисаи таълимӣ, барҳам додан ва аз нав ташкил кардани сохтору зерсохторҳои муассисаи таълимӣ;

- ташхиси њуљљатњои меъёрие, ки барои баррасӣ ба шурои олимон пешниҳод шудаанд, таҳияи тавсияҳо оид ба ҳамкории муассисаи таълимӣ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ;

- тањлили њуќуќии лоињаи ќарорњои қабулшуда.

77. Комиссия оид ба корҳои тарбиявӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:

- таҳияи консепсияи сиёсати ҷавонони Донишгоҳ;

- баррасии масъалаҳои ташкил ва баргузории корњои тарбиявї, фарҳангию оммавии Донишгоҳ;

- омода намудани масъалањои некуаҳволии иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимої;

- ҷудо намудани самтҳои афзалиятноки корҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ бо донишљўёни Донишгоҳ;

- таҳияи таклифу пешниҳод оид ба истифодаи самараноки маблаѓњои молиявӣ ва воситањои моддию техникии чорабинињои тарбиявӣ, фарҳангию оммавї, варзишию тандурустї;

- тањлили самаранокии кор дар муассисаи таълимӣ ва факултетњои он вобаста ба самти корҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавӣ, варзишию тандурустии донишҷӯён;

- иштирок дар рушди анъанавӣ ва шаклњои нави худидоракунии донишљўён, омўзиши талабот, дархост, манфиатҳои донишљўёни Донишгоҳ;

- баррасии санадҳои меъёрии дохилимуассисавӣ дар бораи ташкили таълим, истироњат ва њифзи илътимоии донишҷӯён;

78. Комиссияи муносибатҳои байналмилалӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд**:**

- таҳлили вазъ ва њамкориҳои самараноки байналмилалии Донишгоҳ;

- иштирок дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкорињои байналмилалї;

- таҳияи пешниҳод оид ба рушди самтҳои стратегӣ дар соҳаи робитаҳои байналмилалии илмӣ - техникӣ ва таълимӣ;

- ташхиси номзадии олимони хориљї ва ходимони љамъиятию сиёсӣ, ки ба шурои олимони Донишгоҳ љињати додани унвони «Доктори фахрии муассисаи таълимӣ» пешниҳод гардидаанд.

79. Шурои олимон метавонат самтҳои фаъолияти комиссияҳоро тағйир диҳад.

11. МУЌАРРАРОТИ ХОТИМАВЇ

80. Дар матни Низомнома бо тартиби муќарраргардида таѓйироту иловаҳо, бо қарори шурои олимони Донишгоҳ ворид кардан мумкин аст.

81. Барои вайрон кардани меъёрҳои Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраргардида шахсони воқеї ва ҳуқуқӣ љавобгар мебошанд.